**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ № 4, 2015**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК № 4, 2015**

**УДК: УДК: 8 тоҷик + 4 тоҷик (03)**
**ХУҶОВА М. Ӯ.**[1]

# ТАВСИФИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ ДАР ОСОРИ АЛИШЕРИ НАВОӢ-ФОНӢ

Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ аз адибони намоёни ғазалсарои асри XVI адабиёти форситаборон буда, суханаш ба эҷодкорони баъдинаи на танҳо форсигӯй, балки ба адибони зиёди атрофу акнофи Хуросони Бузург таъсири амиқ расонида будааст. Яке аз онҳо Амир Алишери Навоӣ- Фонӣ, поягузорӣ адабиёти туркӣ ӯзбекӣ дар асри Х ба ҳисоб меравад.

Ҳамин аст, ки Навоӣ-Фонӣ дар осори дар осори форсии тоҷикӣ ва туркӣ – ӯзбекии худ, дар мавридҳои муносиб, Хоҷа Ҳофиз ва осори гаронмояи ӯро васф намуда, ӯро дар ғазалсароӣ беҳамто медонад.

**Калидвожаҳо:** тазкира, маъхаз, адабиёти форс тоҷик, адабиёти ӯзбек, пайравӣ, ғазал.

Муаллиф дар мақола асосан ба тавсифҳои Навоӣ бар Хоҷа Ҳофиз таваққуф намуда, дар заминаи маводи мавҷуда хулосаҳои илмии худро пеш гузоштааст.

Ханӯз ашъори дилписанду баландпарвози Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ (1325-1389) дар замони дар қайди ҳаёт буданаш на танҳо диққати аҳли илму фарханг ва ниёзмандони шеъру адаби форсизабонон, балки ба тафаккури эҷодии ҳамзамононаш такони бузурге дода буд. Дар айёми пирӣ, шоири тавоно, пайғамбари қитъа Ибни Ямини Фарюмадӣ, ки вафоти ӯ ба саршавии дурахши назми Ҳофизи Шерозӣ рост меомад, ба ин шоири тавонои адаби форсӣ дар ҷодаи ғазалсароӣ дасти дуо бардошта буд. Дуои додаи бузургтарин қитъасарои қарни XIV Ибни Ямин мустаҷоб гардид ва Ҳофизи Шерозӣ яке аз бузургтарин шоирони ғазалсарои адаби форсӣ дар тамоми дунё шинохта шуд. «Тобандатарин чароғи ин давра,- менависад Рашид Ёсимӣ,- Ибни Ямини Фарюмадӣ аст, ки аз аввали қарни XIV то 69 сол нурафшонӣ карда риштаи назмро ба дасти Ҳофиз месупорад ва меравад» [2,321]. Дар ин маврид пеш аз ҳама ёд овардани ҷавобияҳои манзуми дуҷонибаи булбули Хуҷанд –Камоли Хуҷандӣ (1318-21-1401) ва «Лисон-ул-ғайб»-и Хоҷа Ҳофизи Шерозиро басандаву бамаврид медонем.

Эҷодиёти Хоҷа Хофиз, бахусус газалиёти дилошӯбу намакини ӯ ва минбаъд ҳам назари тазкиринависон, ҳам нигоҳи таърихнигорон, ҳам диққати адибони хурду бузурги адабиёти форсигӯйро ба худ ҷалб намуд.

Ва зиёда аз ин, таъсири ашъори хоҷаи Шероз ба адабиёту фарҳанги мардумони гуногунзабони Мовароуннаҳру Хуросон ва атрофу акнофи он хеле ва хеле зиёд ба мушоҳида мерасад, ки дар ин миён баҳрабардориҳо ва таъсирпазириҳои яке аз суханварони шинохтаи қарни ХУ милодӣ, сардафтари адабиёти бародарони ӯзбек, адиби зуллисонайн Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ (1414-1501), ки ашъори форсӣ-тоҷикиашро бо тахаллуси Фонӣ гуфтааст, ҷолиб буда, дархури омӯзишу пажуҳиши ҳамаҷонибаву доманадор ва таҳқиқу рисолаи калон мебошад.

Зарур ба ишора аст, ки ғазалиёти ноби Хоҷа Хофизи Шерозӣ дар давраҳои баъдинаи раванди адабиётамон аз ҷониби адибони форсигӯ бештар истиқбол шуда бошад ҳам, ҳеҷ кадоме ба пояи Амир Алишери Навоӣ–Фонӣ, чӣ дар осори туркӣ –чиғатоияш, ки имрӯз

[1] **Адрес для корреспонденции:** Хуҷова Мавҷуда Ӯроқовна - кан. филол наук, ст. науч. сот.Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудакӣ АН Республики Таджикистан. 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул 50 лет Таджикистана 41.кв 47. тел. 935044963.

ӯзбекии қадим мехонанд, чӣ дар ашъори форсӣ-тоҷикиаш, ки дар «Девони форсӣ»-и Фонӣ фароҳам омадааст, расида натавонистанд.

Шеърияти гуфтор ва сабку ҳусни баёни ғазалиёти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ба эҷодиёти адиби намоёни туркигӯй, султони мулки ғазали туркии ӯзбекӣ Амир Алишери Навоӣ, ки дар қаламрави адабиёти туркизабонон чун ӯ дигар пайдо нагардидааст, таъсири беандоза калон дорад.

Амир Алишери Навоӣ –Фонӣ дар баробари устоди худ Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) аз сухангустарони намоёни замони худ шинохта шуда буд. Тавре ишора рафт, ӯ дар баробари тамомият дар суханварӣ, ба адабиёти форс-тоҷик, бахусус Хоҷа Ҳофиз, таваҷҷуҳи алоҳида дошт.

Навоӣ-Фонӣ қадри ғазали Ҳофизро барвақт дарк карда буд. «Пас, менависад академик Абдулғанӣ Мирзоев, - Алишери Навоӣ ҳамчун яке аз шоирони бузурги вақт, ки эҷодиёти худро назар аз ҳамасронаш бештар ба тарафи масъалаҳои муҳимми зиндагӣ ва адабӣ равона карда буд, дар соҳаи ғазалсароии форс-тоҷик ба ғазалҳои кадом устоди сухан мебоист диққат ва пайравӣ намояд? – Албатта ба ғазалҳои Хоҷа Ҳофиз» [ 2,219].

Бояд гуфт, ки Амир Алишери Навоӣ дар ашъори худ, ҳам ба забони ӯзбекии қадим ва ҳам форсии тоҷикӣ дар баробари истифода аз қолабҳои дилписанду маъонии бикри офаридаҳои Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ онҳоро ба даврони худ мувофиқ намудаву бо рӯҳи замонаш мутобиқ сохта, пайваста кӯшида, ки аз бардоштҳои худ қаноатмандона дар тавсифи пайғамбари ғазали форситаборон лаб кушояду қаламфарсоӣ намояд. Ба Хоҷа Ҳофиз рӯй овардани Алишери Навоӣ дар ғазалсароӣ сирри дигаре ҳам доштааст. Адиби зуллисонайн дар ростоӣ ба забони модарии худ эҷод кардани намунаҳои хуби шаклҳои мавҷудаи назм, тавре дар ин боб ишораҳои зиёде ҳастанд, «Нақши сарфармондеҳии адабиёти ӯзбек ва дигар халкиятҳои туркизабонро ба даст гирифта буд» [1,10-11], бо сурудани ашъори чавобия –назира, албатта хоста, ки ҷойгоҳи адабии худро дар заминаи ғазалсароии форс-тоҷик низ таъмин карда бошад.

Амир Алишери Навоӣ аз нигоҳи талаботи назирасароӣ мебоист ба ғазалҳои беҳтарини ғазалсароёни маъруф дар вазн, қофия ва мавзӯи онҳо ҷавоб мегуфт. Ва ин гуна ғазалсарои бузург бешак Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ буд. Танҳо дар «Девони форсӣ»-и Амир Алишери Навоӣ ба қавли адабиётшиносон,беш аз 240 ғазал, ки дар пайравӣ, татаббӯъ, назира ва тарзи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ гуфта шудаанд (3; 5;6;7) метавон мушоҳида гирифт, ки Фонӣ ба Хоҷа ва ғазалиёти ӯ дилбастагие дошта будааст. Вай дар асари худ «Маҳбуб-ул-кулуб», ки дар пайравии «Гулистон»и Шайх Саъдии Шерозӣ (1203-9-1292) ва дар фасли 16 –ум рочеъ ба Хоҷа Ҳофиз чунин менигорад:

«Ғазали Хоҷа Ҳофиз бонамаку лаззатбахш аст барои хамагон» (4,184)

Ин баҳои Алишери Навоӣ ба ғазалиёти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ барҳақ дуруст ва аз рӯи инсоф дониста мешавад, зеро беҳтар аз ин баҳоро худи ҳамзабонони шоири ғазалсаро барояш арзонӣ дошта, лисонулғайбаш хонда буданд.

Дар асари дигари суханвари зуллисонайн Алишери Навоӣ «Насим-ул--мухаббат», ки тарҷумаи озоди «Нафақот-уламои мо -унс»-и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомист, дар сифати Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ин суханони баландро мехонем:

«Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ суханварест «Лисон-ул-ғайб» ва «Тарҷумон-ул-асрор» [4,184].

Офарандаи «Хамса» ба забони ӯзбекии қадим Амир Алишери Навоӣ дар девони туркии худ «Фавоид-ул -анбор», ки беш аз 650 ғазал дар он фарохам омадааст, дар ғазалсароӣ Амир Хусрави Деҳлавӣ [1253-1325], Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ва Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомиро муаллиму устоди худ хонда, гуфтаст:

Ғазалга уч киши тавридуру –л-навъ,
Ки андин яхши йук назм эҳтимолӣ.
Бири муъҷизбаёнлик сохири Ҳинд,
Ки ишқ ахлини уртар сузу холӣ.
Бири исонафалиқ ринди Шероз,
Фано дайрида масту лоуболӣ [5,184].

Тарҷумаи таҳтуллафзии се байти боло тариқи зайл аст:

Дар ғазал се нафар аз он навъанд,
Эҳтимол нест хубтар аз ин назм.
Яке муъҷазбаён сохири Ҳинд,
Аҳли ишқро аз ӯст сӯзу ҳол.
Яке исонафас он ринди Шероз,
Дар дайри фаност лоубол.

Бале, бо он ки ба гуфти мусаннифи «Тазкират-уш-шуаро» Давлатшоҳи Самарқандӣ аз ҳар дару девори шаҳри Ҳирот овози шеър меомад, ғазали баландпарвози Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ бо нағмаҳои хушовозу маънӣ ва муҳтавои дилнавозаш дар тамоми давраи фаъолияти эҷодӣ ҳастӣ, вуҷуд ва ақлу тафаккури Амир Алишери Навоӣ-Фониро мусаххар карда омадааст, ки мо ин бардоштро дар «Девони Фонӣ»-и Фонӣ равшантару возеҳтар аз осори туркии ӯзбекиаш мушоҳида менамоем. Барои таъйиди андеша ғазале аз Хоҷа Ҳофизро иқтибос намуда, зимни он ҷавобияи Амир Алишери Навоиро меорем. Хоҷа Ҳофиз чунин ғазали чаззобу зебо дорад:

Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем,
Фалакро сақф бикшофему тарҳе нав дарандозем.
Агар ғам лашкар ангезад, ки хуни ошиқон резад,
Ману соқӣ ба ҳам оему бунёдаш дарандозем.
Шароби арғувониро ғулом андар қадаҳ резем,
Насими атргардонро шакар дар маҷмар андозем.
Чу дар даст аст, рӯде хуш,бизан мутриб суруде хуш,
Ки дастафшон ғазал хонему покӯбон сар андозем.
Сабо, хоки вуҷуди мо ба он олиҷаноб андоз,
Бувад, к-он шохи хубонро назар бар манзар андозем.
Яке аз ақл мелофад, яке томот мебофад,
Биё, к-ин довариҳоро ба пеши довар андозем.
Биҳишти адн агар хоҳӣ, биё бо мо ба майхона,
Ки аз пои хумат рӯзе ба ҳавзи кавсар андозем.
Сухандонию хушхонӣ наметварзанд дар Шероз,
Биё, Ҳофиз, ки мо худро ба мулки дигар андозем [8,458].

Ин ғазали Ҳофиз ҳастии Амир Алишери Навоиро ба тамоми маънӣ ба худ ҷалб намуда будааст, ки ӯ ҳам ба шӯру шари ҳофизона онро чунин татаббӯъ кардааст:

Баҳорон, гар ба гулшан тарҳи ҷому соғар андозем,
Биё ин сақф бишкофему тарҳи нав дарандозем.
Сипоҳе гар намояд ғам, ки созад вақти мо тира,
Ба як барқи шуъои ҷом бунёдаш барандозем.
Биёроем бар тарфи гулистон базми шоҳона,
Зи мастӣ шӯру ғавғо дар равоқи ахзар андозем.
Ба рақс орем ҳар сӯ шоҳидони шӯхро, он гаҳ
Ба дастон мутрибонро низ дар якдигар андозем.
Гаҳи мастӣ шоҳон гар по ниҳанд аз ҳадди худ берун,
Фаридунро сар андозему Ҷамро афсар андозем.
Бинеҳ зону, ки май нӯшему аз туркони яғмоӣ
Тамошое аҷаб дар аҳли ин нӯҳ назар андозем.
Бад-ин ойин қадаҳнӯшону покӯбону сармастон,
Бар риндон хешро сӯи харобот андар андозем.
Шабе ҳар кас, ки чун Фонӣ бад-ин сон масти хоб афтад,
Сазад гар ҷоми анбӯҳаш ба субҳи маҳшар андозем [6,172-173].

Ғазали асл, ки аз Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ аст аз 8 байт иборат буда, ғазали ҷавобияи Амир Алишер аз 9 байт сохта шудааст. Дар бораи ин ду ғазал академик Абдулғанӣ Мирзоев изҳори ақида намуда, навишта буд, ки «Ҳофиз дар байти аввали ғазали худ маҳаллу вақти гулафшонӣ ва май дар соғар андохтанро фақат ба як навъ ишорае ифода карда буд. Аммо Навоӣ дар байти аввали ҷавобияи худ аввалин коре, ки анҷом додааст, шарҳи ҳамон ифодаи Ҳофиз, яъне таъйин намудани фасл ва маҳалли ҳамон саҳнаи

хушҳолӣ аст.Ба иборати дигар ӯ вақт ва маҳалли «гулафшонӣ ва май дар соғарандозӣ»-и Ҳофизро дар фасли баҳорон ва дар тарфи гулшан медонад» [7,198].

Амир Алишери Навоӣ дар «Девони Фонӣ» пеш аз ҳама ва беш аз ҳама шефта ва фирефтаи Хоҷа Ҳофиз аст ва дар мактаби ирфониву адабии ӯ рутбаи шогирди боқаринаро дорад. Ба ҳамин далел бештарин ашъори ӯ чӣ ба туркӣ ва чӣ ба форсӣ татаббӯъ, истиқбол ва ҷавобия ба маънии рӯҳониву равонии ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз бурда ва мебошад.

Ғолибан дар заминаи муқобилаву муқоисаи ҷавобияҳои Амир Алишери Навоӣ ба Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ба хубӣ дида мешавад, ки сухангустари зуллисонайн тавонистааст матолиби ирфонии устоди ғазали форситаборонро шоирона дарк намояд ва худ низ устодона аз уҳдаи татаббӯъу истиқболаш баромада тавонад.

Чуноне, ки дар боло гуфта шуд, адабиётшиносон ба беш аз 240 ғазали Хоҷа Ҳофиз пайгирӣ кардани Амир Алишери Навоиро таъкид намудаанд. Аммо академик Абдулғанӣ Мирзоев дар китоби худ «Навоӣ ва Ҳофиз», ки ҳам ба тоҷикӣ ва ҳам ба ӯзбекӣ интишор ёфтааст, аз 137 ҷавобияҳои Навоӣ –Фонӣ бар ғазалиёти Хоҷа Ҳофизро ишора намудааст.

Шояд он вақт дар дасти устод Абдулғани Мирзоев девони комили Навоӣ –Фонӣ набудааст ва ё ҷиддан ба ин кор машғул нагардидаанд. Ин гуфтаҳо ҳама ба беҳуда наянд, ки Навоӣ –Фонӣ мефармояд:

Ғазал гуфтан мусаллам шуд ба Ҳофиз шояд, ай Фонӣ,
Намоӣ чошнӣ дарюза з-он назми ҷаҳоноро [3,21].

Тазкирае ба дастамон расид, ки он ба қалами Абдулмуталлиб Хоҷаи Самарқандӣ, бо тахаллуси Фаҳмӣ, мансуб аст ва зери рақами 952 дар ганҷинаи дастнависҳои Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаҳ дошта мешавад.

Ба тақвият ва дастгирии андешаи болоӣ мусаннифи тазкира роҷеъ ба Навоӣ –Фонӣ ин тавр навиштааст: «Ва дар ашъори туркӣ тахаллуси вай Навоӣ аст ва дар форсӣ Фонӣ тахаллус ниҳода.... « [6,28]

Дар шуҳрат ҳамон ҳукм дорад, ки дар форсӣ ашъори обдори Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва девони ҳазрати Хоҷа Ҳофизи Шерозиро ҷавоб гуфта... «

Ба қисми дувуми иқтибоси фавқ агар ботаҳаммул андеша ронему мулоҳиза намоем, мебинем, ки дар он чӣ даъвое бузург нуҳуфтааст. Яъне, ин иқтибос маънои онро дорад, ки гӯё Амир Алишери Навоӣ -Фонӣ даставвал «Девони форсӣ»-и худро ба хотири ҷавоб гуфтан ба «Девон»-и Хоҷа Ҳофиз бо бисмиллоҳ оғоз намуда будааст.

Ҳамин иқтибос аз Фаҳмӣ кифоят аст бигӯем, ки ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз дар офаридаҳои Амир Алишери Навоӣ мақоми барҷастаи мактаби такмили маҳоратро бозидаанд ва «Девони форсӣ»-и шоири зуллисонайн асосан ҷавоб ба «Девон»-и Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мебошад.

Хулоса, Амир Алишери Навоӣ, ки дар ашъори форсии тоҷикиаш тахаллуси Фониро дошта, Хоҷа Ҳофизи Шерозиро дар се коргоҳи эҷодиаш; дар осори мансур, дар ашъори туркии ӯзбекӣ ва дар «Девони форсӣ»- и худ ҳамчун суханвари тавоно, устоди ғазал дар адабиёти Шарқ тавсиф намудааст. Имрӯз баҳои Навоӣ ба Ҳофиз дар он поя аст, ки муҳаққиқонаву одилона, гӯшнавоз ва баҳои ҳақиқӣ ба адабиёти форс-тоҷик диниста шавад.

**Адабиёт**


1. Жомий ва Навои.-Тошкент: Фан,1966.-с.
2. Мирзоев, Абдулғанӣ. Сенздаҳ мақола –/ А.Мирзоев. -Душанбе: Ирфон, 1977.-с.288.
3. Мирзоев, Абдулғанӣ. Алишер Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ/ А. Мирзоев.- Душанбе: Ирфон, 1968.-64-40с.
4. Алишер, Навоӣ. Асарлар, Ҷ.15 / Н. Алишер. Тошкент: Бадинӣ адабиёт нашриети, 1965.-42
5. Алишер Навоӣ. Хазоин –ул-маонӣ. Тошкент,1960.-793.
6. Хуросонӣ, Алии Муҳаммадӣ. Меҳр ва Муштарӣ / Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. –Душанбе: Адиб, 2010.-320с.
7. Шерозӣ, Хоҷа Хофиз. Куллиет/ Х. Шерозӣ. Душанбе: Ирфон, 1983.-672с

8. Фонӣ, Амир Алишер. Девони Фонӣ / Амир Алишери Фонӣ / Мураттиб ва муаллифи сарсухан Алии Муҳаммадӣ. -Душанбе: Ирфон,1993.-320 с. (ба ҳуруфи форсӣ).

**ХУДЖОВА М.У.**

## ВОСПЕВАНИЕ ХАФИЗА ШЕРАЗИ В ТВОРЧЕСТВЕ АЛИШЕРА НАВАИ -ФОНИ

Творчество Ходжа Хофиза, особенно его газели, в которых нашли свое отражение различные аспекты человеческой жизни, всегда были в центре внимания поэтов, писателей, составителей тазкире (антологий) не только сочинявщих на персидском, но и на языках других народов мира. Творчество Хафиза окозало огромные влияние на литературу и культуру всех народов Мавераннахра и Хорасана.

**Ключевые слова:** тазкире (анталогии), исторические и литературные хроники, Наваи-Фанӣ, персидския литература, Хаджа Хафиз, газели.

**KHUJOVA M.U.**

## HOFIZ SHEROZI IN THE WORKS OF ALISHER NAVAI – FANI

Creativity Hodge Hofiz, especially the gazelles, which are reflected different aspects of human life, has always been the center of attention of poets, writers and compilers of antholodies not only composed in Persian but also in the languages of other peoples of the world. Hofiz work had an enormous influence on literature and culture of all peoples of Maverannahr and Khorasan.

**Vocablary**: Tazkira (antalogi), historical and artcally haandwried,Hodge Hofiz, Maverannahr and Khorasan, literature and culture.